ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Рамазонова Рачабгул Сулаймоновна дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус

Мавзуӣ тадқиқотии Рамазонова Р.С., яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогикаи махсус бахшида шудааст. Зеро масъалаи дар вазъияти рисолаи илмӣ вазъият ва масъалаҳои ҷойдошта дар таҳсилоти иловагии ба хонандагони имконияташон маҳдуддошта нигаронидашуда баррасӣ гардида, роҳу усулҳои муосири самарабахшии фаъолиятҳои таълимию тарбиявӣ дар ин раванд ва истифодаи амалии онҳо мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Аз ин рӯ, мубрамияти дарки зарурияти ин масъала дар он ифода меёбад, ки маҳз эҷодкорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи раванди худшиносии хонандагони имконияташон маҳдуддошта дониста шуда, нақши он дар рушди ангезаҳои зеҳнию эҷодии ин гурӯҳи хонандагон муфассал нишон дода шудааст. Зимнан таъкид шудааст, ки қобилияти эҷодии онҳо бо хусусиятҳои психофизиологӣ, яъне бо хусусиятҳои системаи асаб алоқаманд мебошад.

Эҷодкорӣ ба инкишоф ва фаъолияти суботкоронаи хонандагони имконияташон маҳдуддошта асос меёбад, аммо дар ин табақаи хонандагон ин равандҳо метавонанд баъзан зери таъсири омилҳои гуногун халалдор шаванд, ки дар натиҷа таъмини рушди қобилиятҳои эҷодкории онҳо мушкилтар мегардад. Дар раванди фаъолияти эҷодӣ аксар вакт хусусияти кори мутобиқшавӣ - барқароркуниро ба худ мегирад. Қобилияти эҷодӣ на танҳо қобилияти расмкашӣ, эҷод кардани шеър, сурудхонӣ ё ракс кардан, балки таъмини рушди сифатҳои фардии онҳо мебошанд, ки муваффақияти онҳоро дар фаъолияти эҷодӣ муайян мекунанд.

Ҷамъбасти озмоишӣ-таҷрибавӣ аз тарафи муаллифи автореферати

диссертатсия дар 4-муассисаи таҳсилотӣ маҳфилҳо аз рӯйи 3-намуди фаъолияти эҷодӣ баргузор гардидааст. Дар ҷараёни таҷрибаи таҳқиқотии гузаронидашуда, муаллиф ба ақидае омадааст, ки дар охири давра ба нитиҷаҳои хуб ноил гардад. Ин ба таҳқиқотчӣ имконият додааст, ки бо назардошти расонидани таъсир ба қобилиятҳои эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуддошта нисбат ба маҳфилҳои эҷодӣ, дараҷаи корҳои иҷрошудаашон бо мурури замон муайян карда шудааст. Дар рафти озмоиш исбот намудааст, ки қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуддошта нисбат ба маҳфилҳои эҷодӣ дар таҳқиқоти назоратӣ дар сатҳи паст қарор доштааст.

Инчунин муаллиф иброз намудааст, ки дар ду муассиса, аз ҷумла: дар муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосии "Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта"-и шаҳри Душанбе ва муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии "Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта"-и шаҳри Душанбе қариб ҳама, бештари хонандагони имконияташон маҳдуд қобилияти зеҳниашон инкишоф ёфт, иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ барои саломатии онҳо кумак расонд ва маторикаи даст ва ангушт хуб фаъолият кард.

Ҳангоми ташкилу баргузории кори таҳқиқотӣ, аз он ҷумла корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ муаллиф ба методҳои таҳқиқотии истифодаи "Ар-терапия" ва усули "Картаи таҳқиқ"-ро ба роҳбарони маҳфил ҳатмӣ мешуморад, зеро роҳбари маҳфил барои пешравии хонандагон аз маҳдудияти он бояд хабардор бошанд. Бояд иброз намоям, ки дар автореферат ақидаи муаллиф муфассал ҷамъбаст карда шудааст, аз ин лиҳоз ман дар автореферат эрод надорам.

Аз ин лиҳоз фишурдаи рисолаи диссертатсия, автореферат асари илмию тахассусӣ буда, ҳалли як масъалаи мубрами барои илм ва амалияи педагогикаи махсусро дар бар мегирад. Автореферат ба меъёрҳои мувофиқ будани талаботҳои «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсиони назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар гирифта ва муаллифи он Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна аз рӯи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент.
мудири кафедраи методикаи таълими
забонҳои хориҷии донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қаюмова Ҳ.Т.

05.11.2026

Имзои Қаюмова Ҳ.Т.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова М. Ғ.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел. 2325125 E-mail: sadoratanglis@gmail.com